# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Донишгоҳи Давлатии тиҷорати Тоҷикистон Шуморо барои иштирок дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодии сотсиологияи замони муосир» даъват менамояд. Конференсия санаи 15-уми маи соли 2026, соати 10:00 дар толори Шурои олимони Донишгоҳи Давлатии тиҷорати Тоҷикистон баргузор мегардад.

Дар кори конференсия олимони соҳаҳои ҷомеашиносӣ, иқтисодиёт, ҳуқуқ ва муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши масъалаи конференсия иртибот доранд, метавонанд иштирок намоянд.

Самтҳои асосии конференсия:

1. Пайдоиши сотсиология ҳамчун илм.
2. Равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.
3. Равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ.
4. Ҳолати сотсиологияи муосир.
5. Мушкилоти сотсиологияи муосир.
6. Имкониятҳои рушди сотсиология.
7. Низоми институтҳои муосири иҷтимоӣ.
8. Иқтисодиет ҳамчун як ниҳоди иҷтимоӣ ва раванди иҷтимоӣ.
9. Сотсиология дар ҷаҳони муосир, аҳамияти он дар худшиносӣ ва танзими падидаҳо ва равандҳои иҷтимоӣ.
10. Равандҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ.
11. Сотсиологияи иқтисодӣ дар системаи дониши сотсиологӣ.
12. Марҳилаи муосири рушди сотсиологияи иқтисодӣ дар Тоҷикистон.

Даъвати иштирокчиён баъд аз қабули дархост ва баррасии фишурда (тезис) ё мақола ба роҳ монда мешавад.

Ҳамагуна харҷи иштирок дар конференсия бар дӯши ширкаткунанда мебошад.

Забони кори конференсия: *тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.*

Барои иштирок дар кори конференсия то 1-уми апрели соли 2026 шакли электронии фишурда (тезис) ва мақола қабул карда мешавад.

Қабл аз баргузории конференсия омода намудани маҷмуаи маводи конференсия ба нақша гирифта шудааст.

Дар робита ба масъалаҳои вобаста ба кори конференсия тавассути телефонҳои 934444164, ва почтаҳои электронии falsafa-64@mail.ru_маълумот гирифта метавонед.

Шахсони масъул: Неъмонов Ҷаъфар Мулкамолович

Кумитаи тадорукот

ДАРХОСТ

барои иштирок дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодии сотсиологияи замони муосир»

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Насаб, ном ва номи падар (пурра) | |
| 2. | Ҷои кор, вазифа | |
| 3. | Дараҷа ва унвони илмӣ | |
| 4. | Номи мавзуъ | |
| 5. | Шакли иштирок (бевосита/ғоибона) | |
| 6. | Суроғаи электронӣ ва рақами телефон | |

ТАЛАБОТ БАРОИ ПЕШНИҲОДИ МАВОД

1. Мақола ва ё фишурда (тезис) ба суроғаҳои электронии falsafa-64@mail.ru ирсол карда шавад.
2. Ба мақола/фишурда (тезис) бояд маълумот дар бораи муаллиф бо ишораи ному насаб, ҷойи кор (номи ташкилот), вазифаи ишғолкарда, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, рақами телефон ва суроғаи электронӣ, аннотатсия ва калидвожаҳо бо ду забон оварда шавад.
3. Шакли электронии мақола дар намуди файли MS Word пешниҳод ва ба шакли *. doc бояд мутобиқат кунад.
4. Ҳаҷми мақола бояд на кам аз 5 ва на зиёда аз 10 саҳифа бошад.
5. Мақола бояд бо ҳарфҳои муқаррарӣ, дар шакли электронӣ бо гарнитураи Times New Roman бо фосилаи байнисатрии ягона, андозаи ҳуруф 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад. Фосилаи сархат бояд якхела ва баробар ба 1,25 см бошад.
6. Рӯйхати адабиёти истифодашудае, ки муаллиф ба он такя мекунад, дар охири мақола оварда шавад.
7. Дар дохили матн истифода бурдани рақам ва ё аломатгузории автоматӣ манъ мебошад.
8. Мақола бояд таҳриршуда ва аз хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ холис бошад;
9. Муаллифон барои мазмуни фишурда (тезис) ва мақола, инчунин саҳеҳ будани маълумоти дарҷгардида, ҳиссаи матнӣ (плагиат) масъул мебошанд.
10. Дар сурати мутобиқат накардани мазмуну муҳтаво ва мавзуи мақола ба кори конференсия, он бе огоҳии муаллифон дар маҷмуа ҷой дода намешавад.